Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» доктори илмҳои таърих, профессор ____________ Усмонзода А.И.
«__» ____________2024 с.

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба кори диссертатсионии Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01.- Ботаника,**

**Муҳимияти мавзуи диссертатсионӣ.** Масъалаи рушди устувории соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи пурарзиши хӯроки чорво маҳсуб меёбад. Тараққӣ ёфтани сатҳи илмӣ-техникӣ ҳолати чорводориро муайян намуда, барои баланд бардоштани самаранокии растанипарварӣ ва кишоварзӣ таъсири худро мерасонад. Дар робита ба ин, самти тартиб додани чорабиниҳо барои ташкил намудани манбаи мустаҳками хӯроки чорво, ин таъсис додани агросенозҳои сермаҳсул мебошад. Ҳамзамон, кишт кардани лӯбиёгиҳои яксолаи хӯроки чорво барои беҳтар намудани маҳсулнокӣ мусоидат карда метавонад, чунки ин растаниҳо аз сафеда бой мебошанд. Намуди сафедаи дар таркиби растаниҳо мавҷудбуда, яке аз арзонтарин ва осонтарин ҳазмкунанда мебошад ва миқдори зиёди он дар сабзавот алаф ва тухмии лӯбиёгиҳо мавҷуд мебошад. Аз ин рӯ, афзалиятнокии стратегияи истеҳсоли хӯроки чорво дар дурнамои наздик бо истеҳсоли ватанӣ таъмин намудани хӯроки чорво бо растаниҳои аз таркиби сафеда бой ба ҳисоб меравад.

Арзиши амалии кор дар он аст, ки дар натиҷаи таҳқиқот, асосҳои илмӣ - методии ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво дар сохтори ҷамоаи растаниҳои табиии заминҳои ҳавзаи дарёи Яхоб кор карда баромада шудааст, ки истифодаи он самаранокии истифодабарии неруи иқлимию хокии минтақаро баланд бардошта, норасоии мавҷудаи сафедаро дар соҳаи чорводории минтақа ҳаллу фасл менамояд. Маводҳои ба дастовардашуда, ҳамчун стратегияи илмӣ барои ҳифз ва оқилона истифодабарии захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои яксолаи худрӯйи хӯроки чорвои ҳавзаи дарёи Яхоб маҳсуб меёбанд.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия бо ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Соҳаи таҳқиқоти мавзуи диссертатсионӣ самти биологӣ ба

шумор рафта, мавзуи он ба шиносномаи ихтисоси 03.02.01- Ботаника мутобиқат менамояд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Муаллиф дар омода намудан ва гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, мушоҳидаи фенологӣ дар давраи нашъунамои растаниҳои яксолаи лӯбиёгиҳо, баҳодиҳӣ ба ҳосилнокии онҳо, баҳодиҳии натиҷаҳои таҳқиқот, муаррифӣ ва баррасии натиҷаҳои гирифташуда, таҳлили натиҷаҳои асосӣ ва хулоса, навиштани мақолаҳои илмии нашршуда дар тӯли ҳама давраҳои иҷрои таҳқиқот ки асоси диссертатасияи мазкурро ташкил медиҳад, иҷрокунандаи асоси мебошад.

**Диссертатсия аз 5 боб -** муқаддима, тавсифи умумии кор, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳо, дар ҳаҷми 140 саҳифа пешниҳод шудааст, ки аз он ҷумлам 59 ҷадвал, 11 - расм, 1- диаграмма иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 166 номгӯй иборат буда, ки 20 - адади онҳо ба забони хориҷӣ мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 кори илмӣ, аз ҷумла 2 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудааст, нашр гардидаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

**Муқаддима** оид ба асосноккунӣ ва омӯзиши мавзуъ равона шудааст. Таҳқиқоти мукаммал дар бораи омӯзиши хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии ҳавзаи дарёи Яхоб, муқовимат ба омилҳои таъсиррасонӣ абиотӣ ва биотӣ, қонуниятҳои маҳсулнокии растаниҳо вобаста ба шароити обу ҳаво ва таъсири омилҳои гуногун дар шароити табиии гузаронида нашудаанд.

Аз ин рӯ, муҳимияти омӯхтани алафзо́рҳои табиии ҳавзаи дарёи Яхоб ба сифати растаниҳои афзалиятноки хӯроки чорво имкон медиҳанд, ки барои гирифтани ҳосили баланди хӯроки чорвои босифат бо камтарин хароҷот ва воситаҳои меҳнат, хусусиятҳои биологӣ ва захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯй дар заминҳои чорогоҳҳои мамлакат васеъ истифода шаванд.

**Тавсифи умумии кор.** Дар қисми шиносномаи кори унвонҷӯ Ҳисайнов Д.Э. оварда шудааст: Мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра.

**Мақсади таҳқиқот.** Асоснок намудан ва имконияти баланд бардоштани ҳосилнокии алафзорҳои табиии ҳавзаи дарёи Яхоб ба сифати растаниҳои афзалиятноки хӯроки чорво мебошад. Барои гирифтани ҳосили баланди хӯроки чорвои босифат бо камтарин харочот ва воситаҳои меҳнат, хусусиятҳои биологию экологӣ ва захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯй омӯхта мешаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- мӯхтани хусусиятҳои муҳимтарини биологию экологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво.
- омӯхтани хусусиятҳои нашъунамо ва инкишофи баъзе растаниҳои лӯбиёгиҳои яксолаи худрӯйи хӯроки чорво дар шароити парвариш;
- гузаронидани таҳқиқот барои қобилияти интродуксионӣ дар шароити кишт ва парвариш намудан;
- муайян намудани нашъунамои тухмиҳо, хусусиятҳои афзоиш ва инкишоф дар шароити парвариш кардан;
- тавсияҳо оид ба ҳифз ва оқилона истифодабарии захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво дар ҳавзаи дарёи Яхоб.

**Боби 1. Шарҳи мухтасари адабиёти илмӣ.** Дар ин боб унвонҷӯ адабиётҳои олимони кишварҳои гуногуни оламро гирд оварда, аз натиҷаҳои онҳо хулосаҳои хешро, ки ба мавзуи илмӣ дахл доранд, баён намудааст. Чи тавре, ки дар рисола омадааст, аз рӯйи пайдоиши худ, растаниҳои лӯбиёгӣ, растаниҳои қадимӣ мебошанд. Тибқи бозёфтҳои гарди гул ва чӯб, пайдоиши онҳо ба давраҳои палеозой (65 млн. сол пеш) рост меояд.

Аз рӯйи ақидаи Г.П. Яковлева (1991) намояндагони оилаи Fabaceae тақрибан 90 млн. сол пеш пайдо шуда буданд. Кофтуковҳои сершумори бостоншиносӣ тасдиқ мекунанд, ки ҳатто зиёда аз 20 ҳазор сол пеш, аҳолии асри сангини давраи неолит нахуд, лӯбиёгӣ, наскро парвариш мекарданд ва дар навиштаҷоти қадими замони Теофраст дар асрҳои IV-III пеш аз мелод нишон дода шудааст, ки нахуд ва лӯбиёро ҳамчун маводи ғизоӣ ва хӯроки чорво истифода мекарданд.

**Боби 2. Шароит, объект ва усулҳои таҳқиқот.** Дар ин боб унвонҷӯ маълумоти зарурироо оид ба иқлими минтақаи гузаронидани таҷрибаҳо ҳарорати ҳаво, таркиби хокро пурра навиштааст.

**Шароит ва иқлими минтақа.** Қайд карда мешавад, ки хусусиятҳои табиию иқлимии ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу) шароити муҳаё барои ташаккули маҳсулнокии намудҳои растаниҳои тадқиқшаванда, ҳосилнокӣ, сифати маҳсулот ва дигар хусусиятҳои муҳими биологиро бо мутобиқшавии растаниҳои лӯбиёгиҳое, ки дар ин мавзеъ мерӯянд, муайян

мекунанд. Ҳавзаи дарёи Яхоб дар баландии аз 600 то 2200 м аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, барои он иқлими мӯътадил ва иқлими гарму мӯътадил хос мебошад. ҳарорати миёнаи моҳи январ -14-17°С, ва ҳарорати моҳи июл ба ҳисоби миёна+26°С - ро ташкил медиҳад.Миқдори максималии боришот дар ин мавзеъ дар моҳи март (42.8 то 215.9 мм) ва минималӣ бошад, дар моҳи август (аз 0 то 3.8 мм) мушоҳида мешавад.

**Объект ва усулҳои таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот растаниҳои яксолаи лӯбиёгӣ аз қабили: астрагали оҷингмева (*Astragalus rytilobus* Bunge), мунҷи муқарарӣ (*Vicia sativa*L.), юнучқаи хурд (*Medicago minima* (L.) Grufb), сидирки бебаргча (*Lathyrus aphaca* L.), қатраборони зебо (*Onobrychis pylchella* Schrenk), юнучқаи лӯндашакл (*Medicago orbicularis* (L.) Bart.), себаргаи қаратоғӣ (*Trifolium karatavicum* Pavl.) ва мунҷи сермӯйяк (*Vicia villosa* Roth.) буданд.

**Усулҳои таҳқиқот.**Таҳқиқот дар шароити чарогоҳҳои табиӣ, заминҳои лалмӣ ва обёришавандаи минтақаҳои Муъминобод, Ховалинг, Кӯлоб ва Восеъ гузаронида шуданд. Омӯзиши нашъунамо, инкишоф ва ҳосилнокии навъҳои лӯбиёгиҳои яксола дар шароити табиӣ ва кишту кор дар заминҳои лалмӣ ва обӣ се қитъаи таҷрибавӣ: 1. Ҷамоаи юнучқаи хурд (*Medicago minima* (L.) Grufb, *Taraxacum logirostre, Carex pacpystylis*)., 2. Ҷамоаи астрагали оҷингмева (*Astragalus rytilobus* Bunge, *Avena trichophylla, Poa bulbosa*)., 3. Ҷамоаи себаргаи қаратоғӣ (*Trifolium karatavicum* Pavl *Dactylis glomerata, Hordeum spontaneum*) гузаронида шуданд. Ҳангоми мушоҳидаи нашъунамо, инкишофи растаниҳо ва баҳодиҳии ҳамаҷониба, аз усулҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи И.Н. Бейдеман (1954), А.П.Пономарева (1960), В.Ф.Шамурина (1961), П.А.Вощинин (1961), В.М. Л.П.Синьковский (1963), Понятовский (1964) истифода бурда шуд.

**Боби 3. Хусусиятҳои экологӣ – фитосенологии баъзе растаниҳои лӯбиёгии худрӯйи яксола дар шароити табиӣ.** Ин боб аз зербобҳои зерин иборат мебошад: хусусиятҳои биоэкологии Астрагали оҷингмева (*Astragalus rytilobus* Bunge)., Мунҷи муқаррарӣ (*Vicia sativa* L.)., Юнучқаи хурд (*Medicago minima* (L.) Grufb)., Сидирки бебаргча (*Lathyrus aphaca* L.)., ***Қатраборони*** зебо (*Onobrychis* ***pylchella*** Schrenk)., Юнучқаи лундашакл (*Medicago orbicularis* (L.) Bart.)., Себаргаи қаратоғӣ (*Trifolium karatavicum* Pavl.) ва Мунҷи сермӯяк (*Vicia villosa* Roth.)-ро дар бар мегирад.

Аз ин боби асосии кори илмӣ унвонҷӯ чунин бар меояд, ки дар ҳавзаи дарёи Яхоб растаниҳои яксолаи лӯбиёгӣ дар шароити гуногуни экологӣ – ҷуғрофӣ ва фитосенотикӣ паҳн шудаанд. Ба паҳншавии онҳо омилҳои антропогенӣ низ таъсири калон мерасонанд. Натиҷаҳои таҳлил

нишон медиҳанд, ки дар миёни растаниҳои лӯбиёгии яксолаи ёбоии ҳавзаи дарёи Яхоб астрагали оҷингмева (*Astragalus rutilobus* Bunge, сидирки бебаргча (*Lathyrus aphaca*), Қатраборони зебо (*Onobrychis pylchella*), юнучқаи лундашакл (*Medicago orbicularis*), мунҷи сермӯяк (*Vicia villosa* Roth), мунҷи муқарарӣ (*Vicia sativa* L), себаргаи қаратоғӣ (*Trifolium Karatavicum*) бартарияти бештар доранд.

Боби 4. **Аломатҳо, рушд ва ҳосилнокии баъзе растаниҳои яксолаи худрӯи лӯбиёгӣ дар шароити маданӣ.** Ин боб аз зербобҳои зерин иборат мебошад: Таъсири омилҳои экологӣ ба сабзиши тухм, рушд ва афзоиши растаниҳои худрӯи лӯбиёгӣ дар заминҳои лалмӣ ва обӣ, ҳосилнокии (хӯрокӣ ва тухмӣ) растаниҳои яксолаи худрӯи лӯбиёгӣ дар заминҳои лалмӣ ва обӣ, Масъалаи ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгии яксолаи хӯроки чорво дар ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)

Тавре ки аз натиҷаҳои таҳқиқотҳои унвонҷӯ бар меояд, дар табиат аксар растаниҳои гӯбиёгиҳо алал хусус астрагалии оҷингмева бо ёрии тухм зиёд мешавад. Дар айни замон, ҳосилнокии тухмии растаниии астрагалии оҷингмева нисбатан паст буда, гузашта аз ин, тухмиҳои онҳо аксар вақт аз ҳашароти зараррасон ва касалиҳо зиён мебинанд, ки ин масъаларо боз ҳам мураккабтар месозад.

Барои ҳалли ин масъала аз ҷониби унвонҷӯ хусусиятҳои биологии нашъунамои тухмиҳо дар шароити озмоишгоҳӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд, чунки барои аниқ кардани механизми физиологӣ ва самарабахшии кори минбаъда оид ба парвариши ин растанӣ тавсифи тухмиҳо ва қобилияти сабзиши онҳоро муайян кардан зарур мебошад.

Таҳқиқот нишон дод, ки ба тухми астрагали оҷингмева ҳолати оромӣ хос буда, ҳатто дар шароити мусоид бдрои нешзанӣ онҳо сабзиши пастро доранд, ки ин аксар вақт раванди парвариши растаниҳоро хеле душвор месозад.

Ғилофаки астрагали оҷингмева, байзашакл, бо биничаи баргашта, тӯри – ожангдор, дар саракҳо якҷоя мешаванд. Тухми онҳо хурд буда, андозаашон 1,1 – 2,0 мм дарозӣ ва бараш 1,0 – 1,6 мм – ро ташкил медиҳад. Дар як ғилофак 1 – 5 тухм мавҷуд мебошад. Вазни 1000 тухм – 0.8 – 1.15 г - ро ташкил медиҳад. Тухми астрагал бо пӯсти ҳамвори тухмӣ пӯшонида шуда, аз рӯйи шакл гурдашакл, гурдашакли дарозрӯя ва кунҷдор мешаванд. Ранги онҳо аз сафеди хокистарӣ то тираи зайтунӣ тағйир меёбад. Дар сатҳи тухмиҳо тафовутҳои зиёде мавҷуданд. Тухмӣ аз ҷойи мустаҳкамшавии тухмпоя ба тухммуғча, ки тухмӣ аз он афзоиш

меёбад, иборат мебошад. Маҳз дар ҳамин ҷо, пас аз пухтарасӣ, тухмӣ аз растании модарӣ ҷудо мешавад.

Дар амалия барои бартараф кардани пӯстӣ сахт, ки ба сабзиши тухмиҳо монеъ мешаванд, одатан, барои тезонидани сабзиши тухмиҳо методҳои гуногуни таъсиррасониро истифода мебаранд, ки сабзиш ва суръати афзоиши тухмиҳоро осон мегардонанд.

Ҳангоми омӯзиши раванди сабзиши тухмиҳо ва хусусияти нешзании тухмии астрагали оҷингмева дар ҳавзаи дарёи Яхоб ва муайян кардани ҳарорати оптималии нешзанӣ, сабзиши тухмҳои тоза ҷамъоваришуда ва захирашудаи намуди астрагали оҷингмева маълум карда шуд, ки қобилияти онҳо ба сабзиш хеле хуб мебошад. Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқоти мо нишон доданд, бидуни скарификатсияи пешакӣ, нишондиҳандаҳои он ҳам дар тухмии навҷамъоваридашуда, ҳам захирашуда аз 7 – 10% зиёд набуда, пас аз гузашти 10 рӯз тухмиҳо чун қоида ба вайрон шудан шурӯъ мекарданд. Пас аз гузаронидани скарификатсия он вобаста ба ҳарорати муқарраршуда дар ҳудуди аз 25 то 95% ба афзоиш шурӯъ намуданд.

**Боби 5. Барррасии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар ин боб унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқорро чунин овардааст: Ҳангоми баҳодиҳии захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгии яксолаи худрӯйи хӯроки чорвои ҳавзаи дарёи Яхоб, таъсири манфии омилҳоро бояд ба назар гирифт, ки он на танҳо ба микдори захиравӣ, балки ба сифати ашёи хоми ин гурӯҳи растаниҳо таъсири худро мерасонад. Инчунин, маълум шуд, ки барои ҳар як намуди растаниҳои таҳқиқшуда дар маҳалли зисти муайян оптимуми экологӣ, яъне шароите мавҷуд аст, ки дар он вай ба ҳосилнокии максималӣ мерасад. Дар робита ба ин, ҳангоми таҳияи чорабиниҳо диққати асосӣ ба қонуниятҳои намудҳои алоҳидаи фазоӣ ва муваққатии растаниҳои дар он ҷо парваришшаванда, хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии онҳо, хусусиятҳои меъёрии онҳо, ҳаҷми пурраи табиии захираҳо барои дарки пурраи илмии тамоми маҷмуи равандҳои табиӣ, ки дар ташкил ва ҷамъоварии захираҳои табиии ин растанӣ иштирок мекунанд.

Унвонҷӯ натиҷаҳои илмиашро ҷамъбаст намуда, барои ҷори намудани натиҷаҳои илмиаш дар истеҳсолот чунин тавсияҳои зарурири пешниҳод менамояд.

1. Барои такмили пойгоҳи хӯроки чорво дар минтақаи Кӯлоб растании лӯбиёгиҳои худрӯйи яксола дар ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу) пешниход карда мешавад. Ба монанди астрагали оҷингмева, мунҷи сермӯяк юнучқаи хурд, сидирки бебаргча, қатраборони зебо, юнучқаи

лӯндашакл, себаргаи сермӯяк, ки бо хусусияти симбиотикӣ ва экологӣ фарқ мекунанд.

2. Бо роҳи ташкили омӯзишҳо, дар байни чорводорон технологияи киштукор ва истеҳсоли тухмии ин растаниҳо нишон дода мешавад.

3. Растаниҳои яксолаи худрӯи лӯбиёгӣ барои ҳосилхез кардани чарогоҳҳои таназзулёфта ва хокҳои дучори эрозия гашта васеъ истифода бурда мешаванд.

**Дар баробари натиҷаҳои арзишманди илмии ба даст овардаи унвонҷӯ, ба андешаи мо дар рисолаи илмӣ камбудиҳо низ ҷой доранд:**

1. Дар саҳ 13. Расми 1.1 Ареали паҳшавии оилаи лӯбиёгиҳо дар кураи замин истифода шуда, аммо дар дохили расм мавзеи паҳншавии лубиёгиҳо истифода шудааст. Хуб мешуд агар ба як маъно ареал ё мавзеъ истифода карда мешуд.

2. Дар саҳ 29. Иқлими ҳавзаи дарёи Ёхсу мувофиқи маълумоти маркази обуҳавосанҷии ноҳияи Муъминобод (1191 м аз сатҳи баҳр), одатан континенталӣ тавсиф мешавад, ки дар тағйирёбии ҳарорати ҳармоҳаю солона ва ҳатто рӯзона зоҳир мегардад. Ҳолон ки номи Ҳавзаи дарёи Ёхсу бо Яхоб дар диссертатсия иваз карда шуда Ёхсу дар даруни кавс гирифта шудааст.

3. Дар саҳ 54. Ҷумлаи миқдори ҳосилнокӣ дар қитъаи таҷрибавии Астрагали оҷингмева нисбат ба қитъаҳои таҷрибавии хубтар мебошад, оварда шудааст, ки дар ин ҷо мақсади асосӣ дида намешавад. Ҷумла чунин шуда метавонад миқдори ҳосилнокӣ дар қитъаи таҷрибавии Астрагали оҷингмева нисбат ба қитъаи таҷрибавии юнучқаи хурд хубтар мебошад.

4. Дар саҳ 84. Диаграммаи 1. Хушагиҳо, лӯбиёгиҳо ва растаниҳои дигар ҷудо карда шудааст. Дар ин ҷо метавон истигоҳи растаниҳои дигарро бо омехтаи растаниҳо иваз кард.

5. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои механикӣ ва граматикӣ дида мешаванд.

Аммо ин камбудиҳои дар боло оварда шуда, он қадар ҷиддӣ набуда, ба аҳамияти илмии кори иҷрогашта таъсири худро намерасонанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Рисолаи илмии Ҳисайнов Далер Эмомович кори анҷомдодашудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад ва ба талаботи "Тартиби додани дараҷаи илмӣ" КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**Хулосаи умумӣ.** Рисолаи илмии Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтисоси 03.02.01.- Ботаника кори илмии ба анҷом расида буда, аҳамияти калони илмию амалӣ дорад.

Диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти илмӣ инъикси пурраи худро ёфтаанд. Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти гузарондашудаwро ифода менамояд. Аз ин рӯ мо ба чунин омадем, ки диссертатсияи пешниҳодшуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он Ҳисайнов Далер Эмомович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтисоси 03.02.01.- Ботаника мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳои факултети биология ва химия Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, протоколи №9 аз 2.05.2024 баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Раиси ҷаласаи васеъ, мудири кафедраи ботаника
ва физиологияи растаниҳои факултети биология
ва химия МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров" номзади
илмҳои биологӣ, дотсент — Ҳомидов Ё.Р.

Коршинос, номзади илмҳои биологӣ,
сармуаллими кафедраи ботаника ва
физиологияи растаниҳо МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров"
(ихтисоси 03.02.01-Ботаника) — Мирсабуров Ш.М.

Коргузори чаласаи васеи кафедраи
ботаника ва физиологияи растаниҳо Дадобоева М.

Имзои Ё. Р. Ҳомидов, Мирсабуров Ш.М
ва М.Дадобоева- ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДХ
ба номи акад. Б. Ғафуров Ҳусенова З.С.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муассиса:
735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тетефон (83422) 6-52-73
Факс: (83422) 6-75-18
E-mail: rector@hgu.tj

13.05.2024